# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи "Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

Масоили бехатарии озуқаворӣ дар шароити муосир аҳамияти глобалӣ дорад. Ягон мамоликеро ёфтан номумкин аст, ки дар он ба тарзи ба худ хос мушкилиҳои амнияти озуқаворӣ вуҷуд надошта бошанд. Ин масоил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хусусияти ба худ хос пайдо кардааст ва дар баъзе аз минтақаҳои он хеле шадид мебошад. Ин хусусан ба як қатор минтақаҳои вилояти Хатлон дахл дорад.

Диссертатсияи мазкур ба вазъи имрӯза ва стратегияи таъмини озуқавии мардум навишта шудааст. Фарқият аз он иборат мебошад, ки дар он ҷиҳатҳои минтақавии бехатарии озуқаворӣ бо истифодаи маводҳои вилояти Хатлон ба таври хеле хуб нишон дода шудаанд. Дар диссертатсия, ки аз 3 бобу 8 параграф иборат мебошад ҷиҳатҳои назариявӣ, хусусиятҳои минтақавӣ, таҷрибаи бурунмарзии танзими таъмини озуқа, самаранокии истифодабарии нерӯи озуқавии минтақа ва ғайра мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Ман ҳамчун роҳбари илмии муаллиф дар давоми 5 соли охир бобати мавзуи мазкур бо ӯ ҳамкорӣ доштам. Ман медидам, ки муаллиф ба тадқиқоти амнияти озуқаворӣ ҷиддан машғул буд ва тамоми адабиёти мавҷударо, ки ба ин масалаи муҳим бахшидааст, аз худ намуд. Ӯ тавонист, ки ақидаҳое, ки имрӯз дар сар то сари дунё оиди ҳаллу фасли ин масоили муҳими иқтисодӣ вуҷуд доштаро дар дисеертатсия аз ҷумлаи минтақаи басо муҳими кишвар мисоловарӣ намояд ва муаммои беҳбуди онро аз нуқтаи назари худ нишон диҳад. Яке аз бартариҳои ин кори илмӣ аз он иборат мебошад, ки омори ба масоили озуқа бахшида шуда ба таври бутун ҷамъоварӣ карда шуд ва аз тарафи муаллиф мувофиқи стандартҳои замонавӣ коркард шуд. Худи муаллиф аз омор ва методҳои эконометрӣ хабардор мебошад ва онҳоро зимни амалии тадқиқот хеле моҳирона истифода бурдааст.

Муаллиф ба он ақида аст, ки ҳаракати таъминоти озуқаворӣ хусусиятҳои эластикӣ дорад. Манбаҳои фонди озуқавии Тоҷикистон аз тарафи Расулов Ҷовид Қурбонович хеле хуб омӯхта шудаанд. Ин хусусан

ба рушди соҳаи кишоварзӣ дахл дорад ва муаллиф тавонист тағйироти таркибӣ, ки зимни рушд дар ин соҳа ба вуҷуд омадаанд таҳлил намояд ва ба он хулосаҳои илман асоснок биёрад ба чунин ақида аст, ки мавкеи истеҳсоли маводи озуқаворӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол меафзояд ва ҳиссаи зироатҳои техникӣ торафт кам шуда истодааст.

Дар ин диссертатсия муаллиф исбот намудааст, ки тамоми намудҳои озукаворӣ дар Тоҷикистон истеҳсол карда намешаванд, ки ин сабабҳои объективӣ дорад. Дар шароити фаъолияти долонҳои байнидавлатии нақлиёт ва рушди нақлиёти маҳаллӣ имконияти афзоиши фонди озуқавии ҷумҳурӣ зиёд мешавад. Дар диссертатсия таъкид карда шудааст, ки ҳатто дар ояндаи дур воридоти озуқа вуҷуд хоҳад дошт, зеро соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ба монанди чунин соҳаҳои кишварҳои дигари пасошуравӣ наметавонад, ки кулли маводи озуқаро ба таври васеъ тавлид карда тавонад.

Масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар бисёр мавридҳо ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, пешрафти илму техника, сатҳи некӯаҳволӣ ва саломатии одамон таъсири ҷиддӣ расонида, аз якчанд унусурҳои асосӣ манша мегирад: дастрасии ҷисмонии аҳолӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ, ки хатари камбуди онро дар бозори истеъмолӣ истисно менамояд; дастрасии ғизои босифат, ки он ба ҳар як шаҳрванд сатҳи кофии даромад барои хариди маҳсулотҳои озуқавориро таъмин менамояд; дастрасӣ ба озуқа ва таҳдиди пайдо шудани маҳсулоти хӯроквории пастсифат ва хатарнок дар бозори озуқавории минтақаҳо, ки он метавонад ба саломатии мардум таҳдид намоянд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии таҳқиқи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа»**- қайд карда шудааст, ки масъалаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва дар заминаи он таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа барои иқтисодиёти тамоми кишварҳои дунё ҳамеша муҳим ва дар мадди аввал боқӣ мемонад ва тайи даҳсолаҳои охир ин муаммо ба яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ва рӯзмарра дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст.

**Дар боби дуюм «Таҳлил ва ҳолати истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили вазъи истифодаи захираҳои замин дар минтақаҳои вилояти Хатлон, ҳолати бозории дохилии озуқаворӣ ва вазъи арзёбии сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва баҳои сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои агросаноатӣ баррасӣ гардидааст.

**Дар боби сеюм «Самтҳои баланд бардории истифодаи самараноки**

**иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон»** муаллиф ба масъалаҳои танзими давлатии масъалаҳои танзими давлатии самаранок истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиӣ – ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ ва коркарди модели баҳои самаранокии истифодаи захираҳои замин дар вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар диссертатсия тахлили истифодаи нерӯи озукавии Тоҷикистон макоми махсус пайдо кардааст. Муаллиф ба имкониятҳои амалӣ гардонидани нерӯи озукаворӣии ҷумҳурӣ баҳои баланд медиҳад, агарчанде ба он ақида аст, ки баланд бардоштани сатҳи таъминоти озуқавии аҳолӣ зарурияти истифодаи озуқаро тезу тунд мегардонад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Расулов Ҷовид диссертатсияи арзандаеро дар натиҷаи меҳнати шадид бунёд кардааст. Бидуни шубҳа, он аҳамияти калони илмию амалӣ дорад. Дар якчанд конфронсҳои байналмилалии миллию ҷумҳуриявӣ ҷузъҳои гуногуни диссертатсияро ҳамчун масоили аҳамияти илмӣ ва амалӣ доштаро мавриди муҳокима қарор дода будаанд. Тавсияҳои амалии аз тарафи Расулов Ҷовид коркард шуда барои сохтани нақшаҳои беҳбуд гардонидани сатҳи бо маводи озуқаворӣ таъмин кардани аҳолии Тоҷикистон истифода бурда хоҳанд шуд. Бояд гуфт, ки дар ин мавзӯъ диссертатсияҳои зиёде навишта шудааст ва кори илмии Расулов Ҷ.Қ. давоми мантиқии ҳамаи он корҳои илмӣ мебошад.

Диссертатсия ба ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқ мебошад. Бидуни шубҳа дар диссертатсия нуксонҳо низ ҷой доранд, аммо нуқсонҳое нестанд, ки хусусияти ҷиддӣ дошта бошанд. Яъне дар шакли имрӯзааш мо метавонем, ки ин диссертатсияро ба муҳокимаи Шурои диссертатсионии ба иқтисоди минтақавӣ бахшидашуда пешниҳод намоем.

Оиди ҷиҳатҳои инсонии муаллиф бояд зикр кард, ки ӯ аз мактаби оилавии шахсияти хеле маъруфи Тоҷикистон доктори илмҳои фалсафа, академик Расулов Қурбон Расулович бархӯрдор аст ва соҳиби сатҳи баланди фарҳангӣ - шахсӣ мебошад. Якчанд сол боз ӯ ҳамчун устоди кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад ва дар назди коллективи меҳнатӣ хело соҳибэътибор мебошад. Донишҷӯён зимни дарсхонии устод эҳсос менамоянд, ки шахси донишманде ба онҳо сирру асрори илми замонавиро меомӯзонад.

Хусусиятҳои баланди инсонӣ ва илмиву омӯзгории Ҷовид Расулов, ки диссертатсияи мукаммали илмиеро ба дунё овардааст, имкон

медиҳанд, ки мо ӯро ҳамчун шахси сазовори унвони баланди номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ эътироф намоем ва чунин тавсияро барои Шурои диссертатсионӣ низ пешниҳод менамоем.

**Роҳбари илмӣ**
д.и.и., профессор
Сарходими илмии Институти
илмӣ-таҳқиқотии сайёҳӣ ва
соҳибкории Донишгоҳи
байналмиллалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон **Умаров Х.**

Дурустии имзои д.и.и., профессор Умаров Х.-ро тасдиқ менамоям

**Сармутахассиси шуъбаи**
**таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрӣ**
Институти илмӣ-таҳқиқотии
сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи
байналмиллалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон **Қурбонов Э.Т.**

26.08.2025 с.